**МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ**

Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” ба нақша гирифтааст, ки санаи 17 апрели соли 2026 дар доираи **Форуми байналмилалии “Ҳамкорӣ ба хотири рушди устувор: Сабз, Рақамӣ. Ҳушманд” (ДБССТ, 14-18 апрели соли 2026)** конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзуи «**УСУЛҲОИ МУОСИРИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ**» баргузор намояд.

Барои иштирок дар конференсия намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, созмонҳои байналмилалӣ, инчунин олимон, коршиносон ва муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ даъват карда мешаванд.

–**Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:** роҳҳои такмил ва рушди методикаҳо, таҷрибаҳои муосир ва зарурати таҳияи барномаҳои мутобиқ ба ниёзҳои ҷомеа.

-**Нақши Пешвои миллат дар рушди сиёсати забономӯзӣ ва таҳкими мақоми забонҳои хориҷӣ** дар низоми маориф ва илми кишвар.

- **Забонҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои сайёҳӣ ва соҳибкорӣ**: баррасии ниёзҳо ва дастовардҳои амалии соҳа.

-**Таъсири рақамикунонӣ ва технологияҳои рақамӣ ба усулҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ**: истифодаи платформаҳои онлайн, барномаҳои таълимӣ ва таҳкими малакаҳои забонӣ дар муҳити рақамӣ.

-**Масоили тарҷумаи илмӣ ва касбӣ** дар замони муосир: тарҷумаи санадҳои расмӣ, фаннӣ ва оммавӣ, мушкилот ва ҳалли онҳо.

-**Забонҳои хориҷӣ ва рушди иқтисоди сабз:** нақши забонҳо дар таблиғи ҳадафҳои рушди устувор, муаррифии захираҳои табиӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар бахши экология.

-**Мавқеи забонҳои хориҷӣ дар амалисозии «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028**»: тарғиби дипломатияи об ва забономӯзӣ барои ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ.

-**Забономӯзӣ ва илмҳои дақиқ**: нақши забонҳои хориҷӣ дар омӯзиши илмҳои табиӣ ва техникӣ дар доираи «20-солаи омӯзиши фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020–2040)».

- **Забон ва робитаҳои байнифарҳангӣ**: рушди малакаҳои мулоқоти самаранок бо хориҷиён, таҳаммулгароӣ ва фаҳмиши байнифарҳангӣ тавассути омӯзиши забонҳо.

- **Нақши филология ва ихтисосҳои забоншиносӣ дар рушди таълими забонҳои хориҷӣ ва тарбияи кадрҳои рақобатпазир** дар бозори байналмилалӣ.

-**Омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамчун омили муҳими тавсеаи сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон**: забони хизматрасонӣ, тарҷума ва тарғиб.

-**Нақши забони хориҷӣ дар рушди соҳибкорӣ**: чӣ гуна донистани забонҳои хориҷӣ ба рушди соҳибкории навоварона, тиҷорати электронӣ ва воридшавӣ ба бозорҳои хориҷӣ мусоидат мекунад.

Маводи конференсия ба шакли маҷмӯаи мақолаҳо нашр гардида, дар китобхонаи электронии eLIBRARY.RU ҷой дода мешавад.

Барои иштирок дар конференсия, иштирокчиён бояд то 01 апрели соли 2026 дархост барои иштирок дар конференсия ва матни электронии мақолаи илмии худро тибқи талаботи муқаррагардида ба почтаи электронии: green.iutet@gmail.com  ирсол намоянд.

**Забонҳои корӣ** – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

**Ҷойи баргузорӣ:** Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шакли баргузорӣ** – ҳузурӣ ва фосилавӣ.

**Даъватномаҳо** барои иштирок дар конференсия то 10 апрели соли 2026 ирсол мегарданд.

**Тамос:** Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5

**Тел.:** (+992) 92-900-00-95

**Шахси масъул:** Очилова Меҳринисо Илҳомовна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии ДБССТ

## ТАЛАБОТИ ТАҲИЯИ МАВОД:

Матнҳои маърӯзаҳо бояд ба шакли мақола дар ҳаҷми на зиёда аз 10 саҳифа ба почтаи электронии green.iutet@gmail.com ирсол ё ба Кумитаи тадорукот дар шакли электронии Word (*.docx) пешниҳод карда шаванд. Ҳошияҳо: 2 см аз ҳама тараф; ҳуруф: Times New Roman; андоза: 14; фосилаи байни сатрҳо: 1,5 см; танзими матн: мувофиқ ба паҳнои саҳифа бе интиқоли калимаҳо ба сатри дигар; Фосилаи сарсатр: 1,25 см. Дар гӯшаи болоии тарафи рост ҳарфҳои аввали ном ва насаби муаллиф, ҷойи кор, вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ, рақами телефон ва почтаи электронии муаллиф зикр карда мешаванд. Сарлавҳаи мақола ва тарҷумаи он ба забони англисӣ бо ҳарфҳои калон дар маркази саҳифа навишта мешавад. Пеш аз матни асосӣ аннотатсия (то 500 аломат) ва калимаҳои калидӣ (5-6 калима) бо тарҷумаи англисӣ ҷойгир карда мешаванд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда тибқи талаботи стандарти ГОСТ Р 7.07-2009 тартиб дода мешавад. Истинодҳо дар матн дар қавсҳои мураббаъ [15, с.248] ишора карда мешаванд. Истифодаи истинодҳо дар шакли поварақ иҷозат дода намешавад. Тасвирҳо ва ҷадвалҳо бояд унвон дошта бошанд, ки онҳо зери тасвир ё болои ҷадвал ҷойгир карда мешаванд; тасвирҳо бояд мувофиқи паҳнои матн бо формати *jpg таҳия шаванд. Рӯйхати адабиёт ба таври дастӣ рақамгузорӣ карда мешавад.

***Замимаи №1***

ШАКЛИ ДАРХОСТ БАРОИ ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯ

| **ДАРХОСТ**<br>барои иштирок дар конфронси ҷумхуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи **«Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз»** | |
|---|---|
| **Насаб, ном ва номи падарии иштирокчӣ** | |
| **Ҷои кор – номи пурраи муассиса/муассисаи таълимӣ** | |
| **Вазифа** | |
| **Номи мақола (гузориш)** | |
| **Номи бахш** | |
| **Шакли иштирок (ҳузурӣ ё ғоибона)** | |
| **Суроғаи почтаи электронӣ** | |
| **Рақамҳои тамос** | |

| | |
|---|---|
| **Суроғаи почтавӣ бо индекс барои ирсол** | |

**ШАКЛИ ДАРХОСТ**
**БАРОИ МАГИСТРАНТҲО, АСПИРАНТҲО, ДОКТОРАНТҲОИ PhD**
**БАРОИ ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯ**

| **ДАРХОСТ**<br>барои иштирок дар конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи **«Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз»** | |
|---|---|
| **Насаб, ном ва номи падарии иштирокчӣ** | |
| **Ҷои таҳсил – номи пурраи муассисаи таълимӣ** | |
| **Соли таҳсил, равияи ихтисос** | |
| **Насаб, ном ва номи падарии роҳбар, вазифа, дараҷаи илмӣ (агар дошта бошад)** | |
| **Номи мақола (гузориш)** | |
| **Номи бахш** | |
| **Шакли иштирок (ҳузурӣ ё ғоибона)** | |
| **Суроғаи почтаи электронӣ** | |
| **Рақамҳои тамос** | |
| **Суроғаи почтавӣ бо индекс барои ирсол** | |

***Замимаи №2***

ТАЛАБОТ БА МАТНИ МАҚОЛА

**СУД: XX (XXX.X)**
**Ному насаби муаллиф**
**Ҷойи кор, вазифа,**
**Дараҷа ва унвони илмӣ**
**Тел.: (XXX) XXX-XX-XX**
**E-mail:** example@email.com

НОМИ МАҚОЛА

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур баррасӣ мешавад... (то 500 аломат).

**Калидвожаҳо:** ...

Муқаддима
Муҳимияти мавзӯъ, масъалагузорӣ, ҳадафи таҳқиқот ва вазифаҳо.

Қисмати асосӣ

Матни қисми асосӣ. Таҳлили назариявӣ, тавсифи методологияи таҳқиқот, натиҷаҳо ва муҳокимаи онҳо. Дар матни мақола истинодҳо дар қавсҳои квадратӣ ишора карда мешаванд, масалан: [15, с. 248].

Қисми 1. Ҷанбаҳои назариявӣ

Шарҳи нуқтаҳои назариявии асосӣ, таърифҳо, баррасии адабиёт.

Қисми 2. Қисмати амалӣ

Шарҳи таҳқиқот, методология ва натиҷаҳо.

Хулоса

Хулосаҳои умумӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, аҳамияти онҳо ва дурнамои таҳқиқоти минбаъда.

Адабиёт

1. Муаллиф А.А. Номи китоб. – М.: Нашриёт, 2020. – 250 с.
2. Муаллиф Б.Б. Номи мақола // Номи маҷалла. – 2021. – № 5. – С. 45-50.